*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА 012*
*дар назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон*
*(734061, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2 )*

## ТАҚРИЗИ МУКАРРИЗИ РАСМӢ

**номзади илмҳои иқтисодӣ Шоҳназари Хуҷаназари Ғуломзода ба диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзӯи “Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ)**

**1. Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти пешниҳодшуда.**

Муҳимияти таҳқиқот ба тағирёбии доимии иқтисоди ҷаҳонӣ ва зарурати модернизатсияи мувофиқи системаи таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар доираи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ вобаста аст. Мисоли равшани ин таъмини риояи эмбаргои озуқаворӣ мебошад, ки Хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии фаъоли он мебошад.

Дар робита ба ин, ҳангоми навиштани кор ҳадафи таҳлили дурнамои такмили системаи назорати гумрукӣ тавассути рушди рақамикунонӣ дар самти таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардидааст. Ҳадафҳои тадқиқот муайян кардани мушкилоти асосии соҳаи назорати гумрукӣ, таҳияи пешниҳодҳо оид ба беҳтар намудани назорати гумрукӣ дар тамоми марҳилаҳои татбиқи он тавассути васеъ намудани истифодаи технологияҳои иттилоотӣ мебошанд.

Методологияи таҳқиқот таҳлили системавӣ, инчунин усулҳои таҳлил ва синтез бо унсурҳои пешгӯӣ мебошад. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот самтҳои асосии рушди низоми назорати гумрукӣ ҳам дар марҳилаи иттилооти пешакӣ ва ҳам дар гузаргоҳҳо ва ҳам пас аз иҷозати мол муайян карда шуданд. Пеш аз ҳама, заминаи такмил додани фаъолияти гумрукӣ, тавсеаи ҳамкориҳо бо дигар мақомоти давлатӣ бо дарназардошти санҷиши таҷрибаи мусбати ҷаҳонӣ, инчунин модернизатсияи мувофиқи заминаи меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Самти алоҳидаи баланд бардоштани самаранокии хадамоти гумрукӣ дар

Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди системаи идоракунии хавфҳо ҳам аз ҷиҳати усулҳо ва воситаҳо ва ҳам тавассути истифодаи унсурҳои зеҳни сунъӣ мебошад. Бояд зикр намуд, ки рақамисозӣ ҳам ба принсипҳои асосии фаъолияти хадамоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам ба низоми ҳамкории байниидоравӣ таъсири мусбат мерасонад. Аммо, ин раванд мукамалгардонии истифодаи низомҳои гумрукиро талаб мекунад.

Нуктаҳои зикршуда аз мубрам будани мавзуи диссертатсияи Ғаюрова Р.С. шаҳодат медиҳанд.

**2. Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи тақризшаванда ба бандҳои 1.Таҳияи стратегияи рушди бозори хизматрасонии нақлиётӣ ва гумрукӣ дар кишвар, минтақаҳо ва соҳаҳо; 3.Ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ;5.Баҳодиҳӣ ба тамоюл ва қонуниятҳои рушди гардиши мол дар савдои байналмилалӣ ва ҳамлу нақли онҳо; 17. Механизми иқтисодию ташкилии рушди инноватсионии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ ва ҷойгиршавии ратсионалии сохторҳои онҳо;22.Рушди инфрасохтори хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ;24.Мазмун, масоил, дурнамои такмили фаъолияти тиҷорати байналмилалӣ ва роҳҳои амалисозии онҳо;25.Таҳияи низоми тадбирҳо оид ба танзими давлатии хизматрасониҳои нақлиётӣ ва тарифию гумрукӣ; 28.Таъмини сатҳу сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ; 31.Ташкили барасмиятдарорию назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт, интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ, беҳдошти гузаронидани экспертизаи гумрукӣ ва бозрасии мусофирон ҳангоми ҳамлу нақли байналмилалӣ; 41.Механизми танзими тарифию ғайритарифии гумрукӣ ва мукаммал гардонидани раванди интиқоли молу воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукӣ Шиносномаи номенклатураи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 - Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) мутобиқат мекунад.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд:**

Навгонии таҳқиқоти унвонҷӯй дар илман асоснок намудани ҷанбаҳои назариявии усулҳо ва мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди хизматрасониҳои гумрукӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, роҳҳои муосири ҳалли

масъалаҳои онҳо нишон дода шудааст.

Ба андешаи мо, натиҷаҳои муҳимтарини таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки навгонии илмӣ доранд ва муаллиф онҳоро шахсан ба даст овардааст, инҳо мебошанд:

1. Аз ҷониби муаллиф таҳқиқот моҳият ва нақши бозори хизматрасонии гумрукӣ дар сохтори иқтисодиёти кишвар муайян карда шуда, намудҳои хизматрасониҳои гумрукӣ барои таъмини фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ тасниф дода шудааст. Ҳамзамон, хизматрасониҳои гумрукӣ барои пешбурди амалиётҳои тиҷоратӣ ва логистикӣ, иҷрои талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ оид ба танзими давлатии фаъолияти иқтисоди байналмилалӣ, инчунин интихоб ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дида баромада шудаанд(саҳ.16-34).

2. Муаллиф ҳангоми таҳқиқ таҷрибаи ҷаҳонии рушди низоми идоракунии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ омӯхта, истифодаи онро дар раванди беҳтарсозии фаъолияти гумрукӣ дар Тоҷикистон асоснок кардааст. Илова бар ин, тафовут дар таркиби низомҳои гумрукӣ дар амалияи Федератсияи Россия, Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷи дуру наздик мавриди тадқиқ қарор дода шудааст. Аз нуқтаи назари диссертант таҳлили таҷрибаи хориҷӣ имкон медиҳад, ки равишҳо ва принсипҳои асосие, ки барои рушди системаи хизматрасонии давлатӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ истифода мешаванд, муайян карда шаванд(саҳ.34-51; саҳ.52-71).

3. Дар диссертатсия ҷабҳаҳои консептуалии идоракунӣ ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар рушди фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ баррасӣ шуда, методологияи идоракунии самарабахши мақомоти гумрук дар асоси истифодаи амсилаи самараноки идоракунӣ ва низомҳои гумрукӣ пешниҳод гардидааст. Таҳлил ва баҳодиҳии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти динамикаи ҳаҷми амалиётҳои воридотию содиротӣ аз рӯи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, намуди амсилаҳои вобастагии истифодаи намудҳои низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022 ва мудириятҳои минтақавии шаҳри Душанбе, шаҳри Турсунзода, Вилояти мухтори Бадахшони Кӯҳӣ, вилояти Суғд ва вилояти Хатлон тартиб дода шуда, камбудиҳои ҷойдошта муайян карда шудаанд(саҳ.72-80; саҳ.81-107).

4. Муаллиф, ҳангоми баррасии масоил омилҳои ба рушди хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ таъсир мерасонанд

муайян кардаааст. Бо истифодаи ин натиҷаҳо амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук гузаронида шудааст. Натиҷаи амсиласозии иқтисодию риёзии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар мақомоти гумрук имконият медиҳад, ки сатҳи банақшагирӣ ва идораи фаъолияти гумрукӣ дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, пурзӯр намудани назорати гумрукӣ, ҳимояи манфиатҳои иқтисодии Тоҷикистон ва бехатарии иқтисодии он таъмин карда шуда, рушди муносибатҳои байналилалиро дар соҳаи гумрукӣ дар сатҳи ҷавобгӯи мавҷуда қарор дода шавад(саҳ.108-115).

5. Дар диссертатсия ба таври муфассал ташаккулёбии стратегияи рушди инноватсионии мақомоти гумрукӣ дар шароити муосир бо назардошти муайян намудани ҳадафҳои асосӣ ва афзалиятҳои хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ; самтҳои асосии такмили фаъолияти гумрукӣ; такмил додани қонунгузории гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва амалисозии иҷрои вазифаҳои фискалии мақомоти гумрукӣ; такмил додани фаъолияти мақомоти гумрук дар самти таъмини риояи мамнуият ва маҳдудиятҳо; рушди фаъолияти ҳифзи ҳуқуқии мақомоти гумрук; рушди технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионии мақомоти гумрук; такмили кор бо кадрҳо; рушди намудҳои муосири экспертиза ва таҳқиқот ҳангоми гузаронидани назорати гумрукӣ; такмил додани инфрасохтори гумрукӣ ва ғайраҳо ба сомон расонида шудааст. Инчунин дар асоси таҳқиқи фаъолияти гумрукӣ баҳодиҳии сатҳи хизматрасониҳо ва истифодаи  низомҳои гумрукӣ асоснок карда шуда, барои такмили он чораҳои мушаххас бо назардошти истифодаи оқилонаи ин низомҳо пешниҳод гардидааст. Баҳодиҳии самаранокии сифати хизматрасониҳои гумрукӣ дар асоси истифодаи усули PESTLE-таҳлил ба анҷом дода шудааст (саҳ.116-133).

6. Дар натиҷаи таҳқиқот дурнамои рушди афзалиятноки хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030 асоснок карда шуда,  дар асоси гузаронидани ҳисобҳои эксперименталӣ ва амсиласозии иқтисодию риёзӣ пешниҳод гардидааст. Самтҳои асосии афзалиятноки рушди инноватсионии хизматрасониҳо ва истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қисматҳои зеринро дар бар мегиранд: таъмини рушди инноватсионии пояи моддию техникии мақомоти гумрукӣ ва баланд бардоштани самаранокии назорати гумрукии мол ва воситаҳои нақлиёт; таҳким ва рушди инфраструктураи гумрукӣ бо мақсади истифодаи низомҳои гумрукӣ;  дуруст ба роҳ мондани алоқаи мутақобилаи байни мақомоти гумрук, ташкилотҳои нақлиётӣ, терминалҳо;  истифодаи

самараноки намудҳои махсуси мақомоти гумрукӣ; ташаккул ва рушди хизматрасонии гумрукию терминалӣ; рушд ва мукаммалгардонии сиёсати гумрукӣ; созмон додан ва ҷорӣ намудани гумруки рақамӣ ва ғайра (саҳ.134-149).

**4. Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда:**

Мақсади таҳқиқот ин такмили асосҳои назариявию методӣ ва механизми интихобу истифодаи низомҳои гумрукӣ ва мукаммалгардонии онҳо дар раванди хизматрасониҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Барои ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни илмӣ, аз қабили усулҳои таҳқиқи равандҳои таҷрибавӣ, таҳлил ва синтез, индуксия, дедуксия, амсиласозии мантиқӣ, риёзию иқтисодӣ ва ҳамчунин усулҳои махсус истифода шудаанд.

Зикр намудан бамаврид аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсияро аз тарафи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми таҳияи барномаҳои танзими фаъолияти гумрукӣ истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан мумкин аст. Инчунин маводи диссертатсияро кормандони хадамоти гумрук ва намояндагони мақомоти давлатӣ метавонанд мавриди истифода қарор диҳанд.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо ва тавсияҳое, ки дар рисолаи мазкур дарҷ гардидаанд, аз ҷониби Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳияи Барномаи рушди танзими хизматрасониҳои гумрукӣ ва хизматрасонӣ барои давраи баррасишавандаи оянда то соли 2030 пешбинӣ карда шудаастистифода шудаанд.

Илова бар ин, натиҷаҳои бадастовардашуда аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар раванди таҳияи нақшаҳо ва татбиқи ҷобаҷогузории мақомоти гумрук ва дигар воситаҳои инфрасохтории он, (нақлиёт, алоқа, коммуникатсия ва ғ.) бо мақсади баланд бардоштани нақши низоми гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд истифода баранд.

Коркарди асосҳои назариявии муаллиф дар хондани фанҳои «Иқтисодиёти фаъолияти гумрукӣ», «Ташкили назорати гумрукии молу воситаҳои нақлиёт», «Танзими тарифи гумрукии фаъолияти иқтисодиёти байналмилалӣ» барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шудааст.

Муқаррароти рисоларо метавонанд дар курсҳои такмили ихтисоси кормандони мақомоти гумрук, инчунин ҳангоми хондани курсҳои махсус

вобаста ба фанҳои «Фаъолияти гумрукӣ» ва «Масоили назария ва амалияи барасмиятдарории гумрукӣ», “Ташкили назорати гумрукӣ”, “Пардохтҳои гумрукӣ” истифода бурда шаванд.

**5. Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо**

Аҳамияти назариявию амалии мавзӯи таҳқиқшаванда дар он аст, ки татбиқи хулосаҳо ва пешниҳодоти асоснокшудаи диссертатсия ба ташаккул ва такмили истифодаи низомҳои гумрукӣ мусоидат мекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқот, ки аз ҷониби диссертант ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ арзёбӣ намудани мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани самаранокии иқтисодию иҷтимоии мақомоти гумрук дар шароити муосир истифода шаванд.

**6.Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**

Муаллиф ҳангоми тайёр намудани таҳқиқоти диссертатсионӣ худ 23 мақолаҳои илмӣ, ки аз онҳо 10 мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидааанд, ки ин ба талаботҳои “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 сол таҳти №267 тасдиқ карда шудааст мувофиқат мекунад.

**7. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия:**

Боиси қайд аст, ки автореферати диссертатсия мазмуну мундариҷаи асосии диссертатсияро инъикос менамояд. Диссертатсия ва автореферати он тибқи муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барасмият дароварда шудааст ва ба забони илмии тоҷикӣ дар сатҳи баланд иҷро гардидааст.

Дар маҷмуъ, ии диссертатсия ба талаботҳое, ки дар “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021 сол таҳти №267 тасдиқ карда шудааст, мутобиқат мекунад.

**8.Эроду тавсияҳо барои беҳтар гардонидани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия**

Ба андешаи мо дар диссертатсияи тақризшаванда дар баробари тарафҳои мусбӣ баъзе камбудиҳои алоҳида, ақидаҳои баҳсталаб ба назар мерасанд ва баъзеи онҳоро қайд кардан зарур мешуморем, ба монанди:

1. Дар қисмати назариявии кори диссертатсионӣ муаллиф аз назарияҳои олимони ватаниву хориҷиро оид ба бозори хизматрасониҳои гумрукӣ нишон додааст, хуб мешуд агар дар шакли ҷадвал онҳоро гурӯҳбандӣ менамуд ва нуқтаи назари муаллифии хешро низ дар он ҷой медод;

2. Муаллиф ҳангоми гузаронидани таҳқиқот дар шакли ҷадвал тафовути таркиби низомҳои гумрукиро дар амалияи Русия, Тоҷикистон ва таҷрибаи байналмилалӣ (ҷадвали 1.1.) муайян кардааст, вале онҳоро ба таври зарурӣ шарҳу тавзеҳ надодааст;

3. Ҳангоми таҳқиқи боби дуюм дар расми 2.1. нақшаи сохтори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудааст (саҳ.74), аммо мақсад аз дарҷи ин сохтор берун аз ҳадафи таҳқиқот аст ва нуқтаи назари муаллиф тавзеҳ мехоҳад;

4. Диссертант самтҳои афзалиятноки дурнамои рушди инноватсионии хизматрасониҳо ва низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар сатҳи возеҳ нишон додааст (ҷадвали 3.1), аммо татбиқи онҳо ба таври зарурӣ дарҷ нагардидааст;

5. Бояд зикр намуд, ки дар матни рисола ва дар баъзе номгӯйи феҳристи адабиёт ғалатҳои имлоӣ ва ё техникӣ ба чашм мерасанд, ки боиси коҳиш ёфтани ҳусни кор гардидааст.

Вале камбудию эродҳои зикршуда бештар характери тавсиявӣ доранд, аҳамияти назариявию методӣ ва амалии диссертатсияро паст намекунанд.

Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро баён намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири ватанӣ дар самти мукаммалгардони истифодаи низомҳои гумрукӣ ва рушди мақомоти гумруки кишвар саҳми сазовори худро гузорад.

Автореферати кори диссертатсионӣ таркиби асосӣ, навгониҳои илмӣ ва мушахассоти диссертатсияро тавсиф намуда, интишороти муаллиф дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро бо таҳияи муқаррароти назариявию амалии мукаммалгардони истифодаи низомҳои гумрукиро ифода менамояд.

**9.Хулосаи ҷамъбастӣ**

Диссертатсияи Ғаюрова Рано Саидмуродовна дар мавзӯи “Мукаммалгардонии истифодаи низомҳои гумрукӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Илмҳои иқтисодӣ (08.00.05.03 -

Хизматрасониҳои нақлиётӣ ва гумрукӣ) кори илмию тахассусии баитмомрасида буда, ба талаботи пешниҳодгардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси пешниҳодшуда мебошад.

**Муқаррizи расмӣ:**

номзади илмҳои иқтисодӣ,
майори хадамоти гумрук,
сарнозири Раёсати ташкили
назорати гумрукии Хадамоти
гумруки назди Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шоҳназари Хуҷаназари
Ғуломзода

Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Бухоро 50/1.
Тел.:(+992) 987 69 55 55. Почтаи электронӣ:e-mail: **shohnazar-88@mail.ru.**

Дурустии имзои Шоҳназари Хуҷаназари Ғуломзодаро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва кор
бо ҳайати шахсии Хадамоти гумрук
генерал майори хадамоти гумрук

Исматуллозода Б. А.